# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Унвонҷӯ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба чунин хулоса омадааст аст, ки масъалаи баррасишавандаи педагогӣ ба таври фавқулодда мубрам мебошад, ки онро педагогҳо – ҳам муҳаққиқони ватанӣ, ҳам хориҷӣ ва ҳам даврони шӯравӣ мавриди омӯзиш қарор додаанд. Вале таҳқиқоти муаллиф доир ба масъалаи мазкур на танҳо рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила, балки мушаххасан рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки бо ин аз таҳқиқоти пешина тафовут дорад. Мавриди таҳлил ва назарсанҷӣ қарор додааст.

Унвонҷӯ қайд кардааст, ки тарбияи насли наврас масъалаи ҳалталаби ҷомеаи имрӯза маҳсуб меёбад. Хонанда ҳам дар муҳити муассисаи таълимӣ ва ҳам берун аз он рушд мекунад. Вазифаи муҳими муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ фаро гирифтани хонандагон бо донишҳои нав ва замонавӣ мебошад. Инчунин, муҳаққиқ иброз доштааст, ки тарбияи кӯдак аз оила оғоз гардида, дар натиҷаи ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа густариш меёбад. Маҳз ҳамин сегонаи муштарак, робитаи онҳо дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, арзишҳои ахлоқӣ ва олами маънавии насли наврас таъсири ногусастание хоҳад гузошт. Барои огоҳӣ аз таълими махсуси падару модарон башарият хеле пеш рафтааст. Ҳатто муҳаққиқи машҳур Я.А. Каменский иддао дошт, ки асри оянда маҳз ҳамон шаҳрвандони оянда барои ӯ тарбия карда мешаванд.

Имрӯз таҳсилоти муосир дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои басо пурмасъулият гузошта мешавад. Бояд дар шароити мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар хонандагон ҳиссиёти қавӣ ба таҳсилот ва аз худ намудани асосҳои донишҳои илмӣ бедор карда шавад. Ҳамзамон, дар марҳилаи ислоҳоти соҳаи маориф аз кормандони масъули соҳаи маориф, омӯзгорон ва падару модарон босалоҳиятнокӣ ва дорои тафаккури эҷодию таълимиро талаб мекунад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти унвонҷӯ** аз он иборат аст, ки дар он **бори аввал**:

- проблемаи фаъолияти самарабахши таълимиву тарбиявии оила дар назария амалияи муосири педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудаанд;

- мундариҷа ва сохтори мафҳуми салоҳияти падару модар ҳамчун қувва пешбарандаи ҳамкориҳои оила ва муассисаи таълимӣ ошкор карда шудаанд;

- шароитҳои ташкилӣ оид ба амсиласозии ҳамкории оила ва муассиса таълимӣ дар таълиму тарбияи муосир муайян ва мавриди озмоиш қарор до, шудаанд;

- ҷузъҳои асосӣ ва меъёрҳою нишондиҳандаҳои фаъолият дар раван, амсиласозии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муос мукарраррар карда шудаанд;

- раванди амсиласозии ҳамкории самарабахши оила ва муассисаи таълим тавсиф гардидааст;

- амсилаи ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила коркард ва мавриди озмои қарор дода шуда, самаранокии он дар таҳсилоти ибтидоии муосир собит кар, шудааст.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти Маҳмадизода Абдураҳмон далелнок буда, бо миқдори калони маводи назариявӣ ва амалӣ тақвият дода шудаанд. Натиҷаҳои аз ҷониби унвонҷӯ бадастомада имкон медиҳанд, ки дар бораи ихтисоснокии баланди муаллиф хулоса баровард.

Автореферат ва интишорот муҳтавои рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи дар рӯйхати КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда, 10 мақолаи илмии унвонҷӯ ба чоп расонида шудааст.

Тартиб ва танзими автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мутобиқ буда, диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи «Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, кори дар сатҳи баланд баанҷомрасидаи илмию таҳқиқотӣ буда, ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии мутобиқат мекунад.

Директори литсейи Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав,
номзади илмҳои педагогӣ Нориён Зарина Ислом

« 18 » июни соли 2025

Имзои З. Нориёнро тасдиқ мекунам;
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Н.Хусрав, дотсент: Исозода Т.И.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735140, Ҷуумҳуии ТоҷикистонТ, ш. Бохтар, кӯчаи Айн,67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Тел.; +992 8322225481
Почтаи электронӣ: www.btsu.tj E-mail: bgu-1978.@mail.ru

“__20__” ____06____ 2025с